O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI

OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

1-2024

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**R.D.Dehqonov**
Bolalarni qo‘g‘irchoq teatri orqali tarbiyalashning o‘ziga xos ahamiyati....................................194
**X.M.Xoshimxonov**
Xoja Ahmad Yassaviyning irfoniy – falsafiy qarashlari.............................................................198
**M.A.Muxiddinova**
Bo‘lajak musiqa o‘qituvchilarining jamoaviy ijodiy, kasbiy va texnik tayyorgarligining pedagogik xususiyatlari....................................................................................................204
**Y.A.Saidova**
O‘smirlarda ishonch hissi va uning ijtimoiy-psixologik xususiyatlari .........................................208
**Sh.A.Mamajonov, X.M.Jo‘rayev**
Bo‘lajak kimyo o‘qituvchilarida ekologik kompetentlikni shakllantirish.......................................213
**M.M.Azizov**
Skandinavcha yurish sport-sog‘lomlashtirish dasturlarini optimallashtirishning asosiy vositasi sifatida ........................................................................................................218
**D.V.Vohidova**
Xoja Abdulxoliq G‘ijduvoniy ustoz-shogird sifatlari haqida.......................................................223
**X.X.Raxmatova**
Murosa falsafasiga doir tushunchalarning tasavvufiy mohiyati ................................................227
**X.X.Raxmatova**
Ma’rifatli jamiyat qurishda Xoja Ahror Valiy murosaga oid qarashlarining ahamiyati................232
**O.L.Berdiyev**
Abu Ali Ibn Sino va Nosiruddin Tusiyning falsafiy qarashlari ...................................................237
**D.D.G‘ulomov**
Abdulla Qodiriy ijodida retrospektiv syujet (“Mehrobdan chayon” romani misolida) .................243
**D.I.Gulamova**
Interpretation of euphemisms used in social life.....................................................................246
**M.K.Juliyev, L.A.Gafurova, M.D.Xolmurodova, B.E.Abdikairov**
O‘zbekistonda tuproq eroziyasining sabablari va eroziyaga tasir qiluvchi omillar ....................250
**B.O.Komilova, M.R.Toxirova**
Yuqori sinf o‘quvchilarining aqliy faoliyatiga jismoniy mashqlarning ta’siri ...............................254
**B.O.Komilova**
Ichak turli bo‘limlaridagi fermentlar faolligining ayrim gormonlar ta’sirida o‘zgarishi.................257
**Z.M.Otaxonova, J.M.Otajonov**
Talabalarni xalq pedagogikasi asosida milliy ruhda tarbiyalashning o‘ziga xos xususiyatlari ............................................................................................................260
**A.I.Mirzoyev, M.A.Mamasoliyeva, J.M.Turdaliyev, B.D.Raxmonov, Sh.Sh.Turg‘unboyev, I.A.Xudoynazarov**
Navoiy viloyati sho‘rlangan tuproq tarkibidagi tuzlarni yuvish uchun kimyoviy melioratsiya usulidan foydalanish istiqbollari..........................................................................263
**Sh.K.Abduraxmonov**
Chaqiriqqacha harbiy ta’lim kursantlarida kasbiy madaniyatni rivojlantirish metodikasi va pedagogik shartlari.........................................................................................................270
**U.R.Radjapov, K.B.Xakimdjanova**
Maktabgacha ta’lim muassasi tarbiyalanuvchilarini harakatli o‘yinlar orqali bolalar psixologiyasini va nutqini rivojlantirish usulublari.....................................................................275
**O.Ortiqov**
Mustaqillik davrida ijtimoiy-falsafiy tadqiqotlar tahlili (1990-1994 yillar)....................................279
**A.R.Jo‘rayev**
Minnatdorchilik bildirish nutqiy janrining lingvistik xususiyatlari.................................................283
**M.С.Курбоналиэва**
Муаррифии чанд тазкираи умумии шоирони асри xviii ........................................................286
**X.A.Lutfullayeva**
Problems of developing self-educational skills of students.......................................................293
**Р.Абдуллаев**
Татаббуъоти Амир Муиззӣ ба қасидаҳои Унсурии Балхӣ ...................................................298

XOTIRA

**Ustoz Muxammadjon Qoraboyevning yorqin xotirasi** .........................................................304

UDK: 808.1=222.8=222.1(045) DOI: 10.56292/SJFSU/vol30_iss1/a161

# AMIR MUIZZIYNING UNSURI BALXIY QASIDALARIGA TATABBU'SI

# ТАТАББУЪОТИ АМИР МУИЗЗӢ БА ҚАСИДАҲОИ УНСУРИИ БАЛХӢ

# ИНТЕРПРЕТАЦИЯ АМИРА МУИЗЗИ ИЗ ОД УНСУРИ БАЛХИ

# INTERPRETATION BY AMIRA MUIZZI FROM UNSURI BALKHI

**Рамазон Абдуллаев**[1]
[1]Мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Тирмиз

***Annotatsiya***

*Maqolada tojik-fors she'riyatining ko'zga ko'ringan namoyandalaridan biri, Unsuri Balxiy ijodidan tatabbu' qilib mahorat ko'rsatgan Amir Muizziy haqida so'z boradi. Bu masalalar sharq va g'arbning mashhur tadqiqotchilari Muhammad Avfiy, Zabihulloh Safo, Shofeiy Kadkaniy, Edvard Braun, Furuzonfar, Bertels va boshqalarning fikr-mulohazalari asosida tahlil qilindi.*

***Аннотатсия***

*Дар мақола аз симоҳои барҷастаи шеъри форсии тоҷикӣ, ки Амир Муиззӣ ба осори ӯ пайравӣ карда, дар ин замина татаббуъоти қобили мулоҳизае гуфтааст, Унсурии Балхӣ сухан меравад. Ба мулоҳизаҳои муҳаққиқони маъруфи шарқу ғарб: Муҳаммад Авфӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Шафеъи Кадканӣ, Эдвард Браун, Фурӯзонфар, Бертелс ва дигарон такя намуда, масоили мазкур таҳлил шудааст.*

***Аннотатсия***

*В статье говорится об Унсури Балхи, одном из выдающихся деятелей таджикско-персидской поэзии, а также о произведениях Амира Муиззи, внесшего значительный вклад в этом контексте.Из размышлений известных исследователей Востока и Запада Мухаммада Авфи, Забихуллы Сафо, Шафеи Кадкани, Эдвард Браун, Фурузонфар, Бертельс и другие, эти вопросы были проанализированы.*

***Abstract***

*The article talks about Unsuri Balkhi, one of the outstanding figures of Tajik-Persian poetry, as well as the works of Amir Muizzi, who made a significant contribution in this context. From the thoughts of famous researchers of the East and West Muhammad Awfi, Zabihullah Safo, Shafei Kadkani, Edward Brown, Furuzonfar, Bertels and others, these issues were analyzed.*

***Kalit so'zlar:*** *Muizzi, Unsuri, Affi, Zabihulloh Safo, tatabbu, xush kelibsiz, javob, isloh va ahzi, mazomi va uslub, devon, qasida va boshqalar.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Муиззӣ, Унсурӣ, Авфӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, татаббуъ, истиқбол, муҷобот, тазмин ва ахзи, мазомину услуб, девон, қасида ва ғайра.*

***Ключевые слова:*** *Муиззи, Унсури, Аффи, Забихулла Сафа, татаббу, приветствие, ответ, исправление и ази, мазоми и стиль, деван, касыда и др.*

***Key words:*** *Muizzi, Unsuri, Affi, Zabihullah Safa, tatabbu, greeting, response, correction and azi, mazomi and style, dewan, qasida, etc.*

## САРСУХАН

Дар заминаи ишораҳои дар ғазалҳо ва қасидаҳои девони Амир Муиззӣ омада метавон ба ин натиҷа расид, ки ин шоири тозакор дар шеъри форсии тоҷикӣ ҳам бо таҷрибаи шеърии гузаштагон ва ҳам муосиронаш ошноӣ ва пайванди комили ҳунарӣ доштааст. Илова ба ин, Муиззӣ нафақат бо эҷодиёти шоирони тавонои форсу тоҷик алоқамандӣ доштааст, балки бо тозакориҳои ҳунарӣ ва татаббуъоти худ дар ин замина таҳаввули қобили мулоҳизае ба вуҷуд оварда, бо пайравӣ ва эҷодкорӣ мазмун ва шакли бадеии анвои гуногуни шеъри замонашро ривоҷи тоза бахшидааст.

Яке аз симоҳои барҷастаи шеъри форсии тоҷикӣ, ки Амир Муиззӣ ба осори ӯ пайравӣ карда, дар ин замина татаббуъоти қобили мулоҳизае гуфтааст, Унсурии Балхӣ мебошад. Дар бораи Унсурӣ ва мақоми ӯ дар шеъри форсии тоҷикӣ назари донишмандон гуногун аст. Масалан, Забеҳуллоҳи Сафо ӯро "саромади суханварони порсӣ" шинохта, афзудааст, ки "ин шоири устод, чунон ки аз ашъори ӯ ошкор аст, марде баландҳиммату бузургманиш буд ва бо он ки қасоиди худро ба мадҳ ихтисос дода, дар онҳо гоҳ ба баёни мазомини ахлоқӣ низ таваҷҷуҳ намудааст. Виқору матонати устод ҳатто дар тағаззулҳо ва ғазалҳои ӯ ошкор аст".

Хулосаи ин донишманд дар бораи Унсурӣ ва ҳунари шоирии ӯ ин аст, ки “Унсурӣ шоире тавоно ва ҳунарманд” буда, “дар баёни маонии дақиқу хаёлоти борик маҳорат дошт ва камтар байти ӯст, ки аз мазмуне нав холӣ бошад. Аз хасоиси шеъри ӯ вуҷуди фикри мантиқӣ дар он аст, мунтаҳӣ дар ин ҷо қиёсоти мунтиҷа (натиҷадиҳанда) мубтанист бар муқаддимоти муваҳҳама ва истидлол (далел) устувор аст бар мабонӣ ва аҷзои хаёле, ки шоир бо маҳорат аз онҳо барои баёни мақосиди шеъри худ истифода намудааст ва ҳамин истинтоҷҳо (натиҷагириҳо) ғолибан ба абёти Унсурӣ ва махсусан мисраҳои охири ӯ сурати масали соир додааст. Унсурӣ аз ҷумлаи нахустин шоиронест, ки ба истифода аз афкору истилоҳоти илмӣ, аз тариқи омезиши онҳо бо тахаюлоти шоирона ва гоҳе бидуни тасарруфе дар онҳо, истифода кардааст ва ба ҳамин сабаб ва низ ба иллати диққати хаёлу борикии андеша ва саъйи ӯ дар эроди мазомини наву ибдоъӣ фаҳми ашъораш то ҳадде душвор шуда ва аз ин роҳ дар нусахи девони ӯ ғалатҳои бисёр роҳ ёфтааст” [10, 120-121].

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Шафеъии Кадканӣ дар бораи ин шоири тавоно назари якрост ва моҳиятбин надорад. Ҳатто вай дар мақолаи “Сувари хаёл дар шеъри Унсурӣ” саҳми ӯро “дар инҳитоти (пасравии) шеъри форсӣ” бузург дониста, меафзояд, ки Унсурӣ “сароғози фаслест, ки санъат ва тааммул ва зеҳни мантиқӣ ҷои эҳсос ва таҷрибаи ҳиссиро дар шеъри форсӣ мегирад ва дар дунболи роҳу расми ӯст, ки шоироне аз қабили Амир Муиззӣ тамоми кӯшиши худро сарфи ин роҳ мекунанд ва шуҳрати беш аз ҳадди Унсурӣ ба устодӣ аст, ки андак-андак дар тӯли таърих тасаввури аҳли адабро нисбат ба шеър дигаргун мекунад ва ҳама ҷо сармашқи шоирӣ роҳу расми ӯ муаррифӣ мешавад”. Беш аз ин, Кадканӣ ба хулоса меояд, ки Унсурӣ, “бегумон яке аз заифтарин гӯяндагонест, ки ба иллати надоштани диди шеърӣ ва таҷрибаи ҳиссӣ кӯшидааст андеша ва тааммули худро дар ҷиҳате ба фаъолият водорад, ки пӯшише ба шумор равад барои он заъфи тахайюл ва адами иститоат бар халқи тасовири шеърӣ ва то ҳадде низ дар ин кор муваффақ шудааст ва пас аз ӯ роҳ ва расмашро истеъдодҳое мушобеҳи ӯ идома додаанд”[7, 526-527]. Ин донишманд дар саросари девони Унсурӣ “як тасвири аслӣ, ки аз назари таркиб тозагӣ дошта бошад” пайдо накарда, сабаби инро “дур шудан аз ҳиссу наздикӣ ба мантиқ” медонад ва гӯё, ба фаҳми ӯ Унсурӣ шеърро “ба назму санъату фан” [7, 527] табдил додааст. Кадканӣ Унсуриро “шоир ба ҳисоб” намеоварад ва фақат дар анҷоми мақолаи зикршуда ҳиммат карда иқрор мешавад, ки “аз ҳақ набояд гузашт, ки гоҳ қудрати назми ӯ, дар баъзе маворид, тавониста навъе ҳолати шигифтӣ дар хонанда эҷод кунад, аз қабили қасидаи:

Чист он обе чу оташу оташе чун парниён,
Бе равон тан пайкаре покиза чун бе тан равон” [7, 538].

Бар хилофи Кадканӣ тазкиранависон ва бузургони илму адаб дар фосилаи замонҳо ба шеъри Унсурӣ таваҷҷуҳи шоёне доштаанд. Аз Муҳаммад Авфӣ сар карда, ҳама тазкиранависон барои Унсурӣ мақоми олӣ қоил шуда, шеър ва қасоиди ӯро сутудаанд. Аз ҷумла Муҳаммад Авфӣ ӯро “унсури ҷавоҳири ҳунар ва ҷавҳари арзи фазл” унвон карда, сипас афзудааст, ки Унсурӣ “муқаддами шуарои аҳд ва пешвои фузалои замон... ва шеъри Унсурӣ мудавван аст ва арсаи фазоил ба зиннати шамоили ӯ музаййан”[1,266]. Ба ин тартиб, назари тазкиранависони дигар, монанди Давлатшоҳи Самарқандӣ, Амин Аҳмади Розӣ, Ризоқулихони Ҳидоят, Бегдилӣ ва Тақиуддини Кошонӣ низ доир ба Унсурӣ ва шеъри ӯ мусбат мебошад.

Аз муҳаққиқони ғарбӣ Эдвард Браун “шуҳрат ва номи баланд” доштан ва “дар шумори шоирони бузурги аҳд” қарор доштани Унсуриро таъйид намудааст[3,174]. Бадеъуззамон Фурузонфар аз таҷрибаи шеърии ӯ чунин натиҷа гирифтааст: “Унсурӣ бузургтарин устоди қасидапардоз ва мадҳсарои қарни панҷум, балки забони порсӣ аст ва то кунун бад-ин поя ва моя дар ҷазолати лафз ва рашоқати сабк ҳеҷ як аз шоирони қасидасаро бо касрат (бисёрӣ) ва идда (як гурух) ва таваҷҷуҳ ба муъориза (баҳс) натавонистаанд қасидае иншо кунанд”[11, 112]. Муҳаммад Ғуломризо низ ӯро “мадеҳапардозе муътадил” унвон карда, афзудааст, ки “шеъраш аз муболиғаҳои шоирони давраҳои баъд орӣ аст”[12, 81]. Ҷалол Ҳумоӣ бар ин назар аст, ки “Унсурӣ дар назари шуаро ва гӯяндагони бузурги қадим чунон ба устодӣ ва пешвоӣ мусаллам будааст, ки аз таърифи мушобеҳаташ ба худ меболида ва ин навъ таҷлилро мояи муфохирати (фахру навозиш) хеш қарор медодаанд.

Ва ҳақ ҳамин аст, ки Унсурӣ дар услуби қасидасароӣ бо эъмоли саноеи бадеӣ мобайни шуарои Хуросон мақоми ибтикор ва пешқадамӣ дошт” [4, 220].

Ба ин тартиб, Унсурӣ аз устодони шеъри форсии тоҷикӣ ба шумор омада, сабк ва тарзи нигориши ӯ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи шоирони замонҳои баъд қарор гирифтааст. Агар ба татаббуъоти шоирони баъдӣ таваҷҷуҳ кунем мебинем, ки ҳамаи заминасозиҳои онҳо дар мадҳ ва мақомоти он зери таъсири Унсурӣ сурат гирифта, дар баъзе мавридҳо изофоте аз қабили табдили лафз ё пирояҳои лафзӣ ва такаллуфоти саноеӣ дар он роҳ ёфта, ки ҳамаи онҳо қобили қабул нест. Баъзе аз шуаро ҳам бетағйир ва табдиле сабки ӯро тақлид кардаанд ва ба ҳамон поя тақлид аз асл поинтар буда, ба қавли Фурӯзонфар “дараҷаи ашъори онҳо аз шеъри Унсурӣ камтар ва фурӯтар аст” [11, 75]. Вале “пас аз ӯ роҳ ва равишашро истеъдодҳое мушобеҳи ӯ” [7, 527], аз ҷумла Амир Муиззӣ идома ва такмил бахшидаанд. Ба ифодаи дақиқтар, шеъри Унсурӣ ба суратҳои зер дар шеъри шоирони баъд, аз ҷумла Амир Муиззӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст: татаббуъ, истиқбол, муҷобот (ҷавоб шунида), тазмин ва ахзи (ба даст овардан) мазомину услуб.

Шавоҳиди фаровонеро аз таъсири Унсурӣ ва баҳрабардории шоирони баъдӣ аз таҷрибаи шеърии ӯ дар мисоли тарзи нигориши Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Усмон Мухторӣ, Рашидаддини Ватвот, Сӯзании Самарқандӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ ва дигарон метавон ироа дод, вале ин кор аз доираи таҳқиқи мо берун буда, дар ҷо кӯшиш ба харҷ додем, ки муҳимтарин паҳлӯҳои татаббуъоти Амир Муъиззиро ба қасидаҳои Унсурӣ мушаххас арзёбӣ намоем.

Таҷрибаи татаббуъсароии Амир Муиззӣ бар қасоидии Унсурӣ ва шоирони дигар, пеш аз ҳама, баёнгари робитаи сареҳи ӯ ва шоирест, ки дар такя ба шеъри сармашқ ба он ҷавоб гуфтааст. Ба иборати дигар, дар ин замина Амир Муиззӣ аз ҷумлаи шоирони асили татаббуъсароест, ки тасмим гирифтааст бо шеъри хеш ба шеъри шоири дигар, аз ҷумла Унсурӣ посухи сазовор ва таъсиргузор бигӯяд. Дар ин маврид дар таҷрибаи шеърии Амир Муъизӣ муқоисаи ошкор ва андешидае вуҷуд дорад, ки бар ангезаҳои мухталиф, аз ҷумла мунoқиша, ситоиш ва ғайра асос ёфтааст ва дорои ду қутби ҷолиби таваҷҷуҳ аст: яке сармашқ ва дувум шеъри татаббуъӣ [6, 36].

Равишҳои фаннии татаббуоти Амир Муиззӣ ба қасоиди Унсурӣ ҳунармандона буда, хусусияти хоси мундариҷавӣ ва сохтори бадеӣ дорад. Ин татаббуъот даставвал пойбанди вомгирӣ ва тозакории хасоиси собити суварии шеъри сармашқ, вазну қофия ва радиф (агар вуҷуд дошта бошад) ва бозпардозии мазмуни шеър ба сурате шабеҳ ё нававоронаи шеъри татаббуъӣ ва гоҳе бозпардозии комилу озодона аз назари лафзу маънӣ низ мебошад. Ба ин далел, дар аксари татаббуоте, ки Амир Муиззӣ ба қасоиди Унсурӣ ва шоирони дигар навиштааст, шумори абёт ва қавофӣ ҳамон аст, ки дар қасидаи сармашқ вуҷуд дорад. Илова бар он, аз назари сохторӣ, яъне аз назари таркиби зоҳирии шеър низ татаббуоти Амир Муиззӣ ба асл наздик буда, унсурҳои дигаре низ дорад, ки ошкоро ба сармашқ ишора мекунад, монанди нақли бахше аз асл ё истифода аз тасвирҳои бадеии он ё зикри номи шоире, ки шеъраш мавриди пайравӣ қарор гирифтааст.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Вақте татаббуъоти Амир Муъиззиро бар қасоиди Унсурӣ қиёсан аз назар мегузаронем, метавон ба ин натиҷа расид, ки ҷавобҳои ӯ тақлиди сирф набуда, балки эҷоди шеъре дигар аст аз рӯи як сармашқ, яъне қасидаи мавриди назари Унсурӣ ё шоири дигар. Андешаи зерини Е.Э.Бертелс низ дар ин боб қобили мулоҳиза мебошад: “Асоси ҷавҳараи ин падида ба ҳеҷ вақт тақлил (кам кардан) нест, балки бештар аносири тозае аст, ки шоир барои парварондани мазмун пеш меоварад. Илова бар он, ин тағйирот ғолибан ба дигаргунии решаӣ ва асосӣ дар мафҳум мунҷар (анҷомёфта) мешавад” [2,115]. Е.Э.Бертелс ин андешаро дар бораи маснавӣ баён мекунад. Аммо А.Мирзоев бовар дорад, ки ин маъниро дар дигар анвои шеър, аз ҷумла дар ғазал низ метавон содиқ донист: дар бораи панҷ ғазал (аз Саъдӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва Биноӣ), ки навъе робитаи ҷавоб байни онҳо вуҷуд дорад, низ мегӯяд: “Ин панҷ ғазал вижагиҳои суварии муштараки зиёде – вазн, қофия, радиф ва низ муҳтавои ошиқона, ки хоси шеъри риндона аст, доранд. Дар айни ҳол, бо он ки ҳама дар мавзӯи мушобеҳанд, аз ҷиҳати зарофатҳои

ҷадид дар маонӣ, маҳорати ҳунарӣ сатҳи боло ва равиши байнии хос бо якдигар тафовут доранд” [9, 33]. Ҳамин назарро метавон дар бораи қасида низ баён дошт.

Вақте татаббуъоти Амир Муъиззиро бар қасоиди Унсурӣ аз назар мегузаронем, метавон бе ҳеҷ шаке ба ин натиҷа расид, ки “ҷавоби муваффақ ҳам намудори маҳорат ва устодии бештари шоири муқаллид нисбат ба шоири мавриди тақлид аст” [6, 37]. Агар шоир дар эҷоди шеъри татаббуъи номуваффақ бошад, заъфи шоирро дар ҷанбаи хосе аз суннати шеърӣ, ҳамон тавре ки сароянда шеъри сармашқ ироа кардааст, нишон медиҳад.

Донишмандони соҳа дар мавриди ҷавоб шикофии амудӣ ва иҷтинобнопазирро миёни шеъри ҷадид, яъне шеъри шоири татаббуъсаро ва шеъри қадим, яъне сармашқ ба мушоҳида гирифтаанд. Аз ҷумла Р.Зайпулӣ ва М.Зокирӣ бар ин назаранд, ки “Шоир собиқаи суннатиро дар шеъри кунунии хеш бозсозӣ ва бад-ин сон ба арзиши доимӣ ва фаротаърихии қавоиде, ки ба кор бурдааст, эътироф мекунад ва аз ҳамагон мехоҳад, ки равиши маъкуси (чаппашуда) раддаёбии алоими шеъри қаблиро дар асри вай ба кор баранд. Пас ҷавоб ба амали офариниши шеър маҳдуд намешавад, балки бинои он бар ҳамкории хонанда низ ҳаст, ки бо шинохти сарчашмаи кори шоир ҳалқаеро, ки ӯ дар ҳангоми сурудани ҷавоб гушуда буд, мебандад. Бинобарин, ҷавоб шеъре аст, ки парвандаи он баста нашудааст ва дар интизори ҳувияте қатъӣ ё дасткам ҳамкории фаротар аз шеър аст, ки дараҷаи он ба мизони маълумот ва тавоноии хонанда бастагӣ дорад. Ин нотамомӣ боис мешавад, ки ҷавоб барои гуфтугӯи хонанда ва шоир майдоне бикшояд то бо ёдоварии шеъре муайян дар канори якдигар қарор гиранд ва дар фазое, ки ҷавоб боз кардааст, бо якдигар доду ситад кунанд: шоир бо офариниши шеър ва хонанда бо лаззат бурдан аз он. Ин навъ робитае аз дур мавриди сирқат бад-ин наҳв мисдоқ пайдо намекунад. Шеъреро, ки ҳовии сирқат бошад, бояд мустақил ба шумор овард ва хонанда бо масъалаи фаннии ҷустуҷӯи сармашқ даргир нест, албатта ба ҷуз кори нақди одӣ, ки дар ин ҳол ва ҳаво мунҷар ба ин мешавад, ки шеър дар чорчӯби суннат қарор гирад то арзиши он ба хубӣ маълум гардад” [6, 38].

## ХУЛОСА

Дар ин замина метавон хулоса кард, ки ҷавоб ё худ татаббуъ дар баробари гузаштае қарор дорад, ки манбаи илҳоми шоир буда, ба наҳве аз назари мундариҷа ва сохтори ҳунарӣ мустақилият ва фарқияти мушаххас дорад. Илова бар ин, татаббуъ мисли сирқат ҷузъе аз кори одии сурудани шеър ба шумор намеравад, ки дар буъди (дурии) фориғ аз замони мероси суннатӣ мекӯшад гузаштаро бо ҳол биомезад. Ба ин тартиб, агар таҷрибаи татаббуъсароии Амир Муъиззиро пеши назар оварем, суоли аввал ин хоҳад буд, ки чӣ омиле буда, ки ин шоир беш ва пеш аз ҳама ба қасоиди шоире чун Унсурӣ пайравӣ кардааст? Дар ин хусус Амир Муиззӣ ба ҷуз зикри номи Унсурӣ дар баъзе татаббуъоташ, дигар дар ин бора ишороти сареҳе надорад. Аммо бо камоли бовар метавон гуфт, ки Амир Муиззӣ дар қасоиди Унсурӣ беҳтарин хусусиёти жанри қасидаро медид. Дар қасоиди Унсурӣ тамоми тасвирҳои бадеӣ ва саноеи лафзиву маънавие, ки аз тарафи пешгузаштагони вай вазъ карда шуда ва ин саноеъ дар сабки қасидасароии асри ӯ ба авҷи аълои худ расида буд, ҷамъбаст гардидааст. Ба ин далел, татаббуъи қасоиди Унсурӣ барои Муиззӣ фақат пайравӣ ба тарзи нигориши Унсурӣ набуда, балки ба таври эҷодӣ пазируфтани суннатҳои беҳтарини сабки қасидасароии замони ин шоир низ мебошад. Ба ифодаи дигар, Амир Муиззӣ дар симои Унсурӣ ҳамоно шоиреро медид, ки суннатҳои беҳтарини қасидасароиро, ки дар як муддате таназзул ёфта буд, аз нав зинда намуд ва ин равияро дар замони худ бо тарзи хоси қасидасароиаш илқо ва тарғиб намуд. Амир Муиззӣ маҳз ҳамин равишро дар татаббуъоташ пайравӣ карда, пас аз Унсурӣ устодии худро аз ҷиҳати сабк ва офаридани образҳои бадеӣ собит намудааст. Ба андешаи мо, омили асосии гароиши эҷодкоронаи Амир Муиззӣ ба тарзи нигориши Унсурӣ маҳз ҳамин мебошад. Барои таъйиди ин назар пораҳоеро аз баъзе қасоиди Амир Муиззӣ иқтибос мекунем, ки шоир дар он қасидаи худ ва Унсуриро васф кардааст:

Бандаи мухлис Муъиззиро ба фарри бахти ту
Аз футуҳи ту ҳазорон дафтару девон бувад.
Унсурӣ Маҳмудро гуфтаст шеъре ҳамчунин,
“То ҳаме ҷавлони зулфаш гарди лоластон бувад.
Он қасида шоиронро гар нигори дафтар аст,

Ин қасида шаҳриёронро нигори ҷон бувад [8, 144].

Ва:

Рӯи ӯ моҳ аст агар бар моҳ мушкафшон бувад,
Қадди ӯ сарв аст агар бар сарв лоластон бувад.
Ин ғазал бар вазни он гуфтам, ки гӯяд Унсурӣ,
“То ҳаме ҷавлони зулфаш гирди лоластон бувад” [8, 171].

Боз:

Идро бо Меҳргон ҳаст иттифоқу иттисол,
Ҳар дуро доранд аҳли давлату миллат ба фол...
Ҳамчунон шеъре, ки дар Маҳмуд гӯяд Унсурӣ,
“Меҳргон омад гирифта фолаш аз некӣ мисол” [8, 157].

Ва боз:

Гуфтам маро се бӯса деҳ, эй моҳи дилситон,
Гуфто, ки моҳ бӯса киро дод дар ҷаҳон.
Гуфтам чунин қасида кас аз шоирон нагуфт,
Гуфто, ки гуфт Унсурӣ устоди шоирон.
Гуфтам, ки он қасида бадеъ асту нодир аст,
Гуфто, ки ин қасида басе беҳтар аст аз он [8, 595].

Ба назари мо, Муиззӣ таъкид бар он дорад, ки беҳуда татаббуъи Унсурии Балхӣ накардааст, балки он қадар маонии латиф, ки дар ашъори ин шоир ҳаст, дар татаббуъоти ӯ низ ҳаст. Чунон ки поёнтар хоҳем дид, Муиззӣ дар татаббуъи қасоиди Унсурӣ, пеш аз ҳама, пойбанди ба коргирии лафзи саҳлу равон ва иборати азбу латиф буда, ба ин васила таъсири шеърашро афзун сохтааст. Бахусус вай дар татаббуъоташ ба қасоиди Унсурӣ бар суҳулати лафз бештар такя мекунад ва бовар дорад, ки “дар дилҳо фузун бошад ҳаловат лафзи осонро”. Ин андешаро такмил бахшида дар қасидае таъкид кардааст:

Дар офариниши бузургон чунин некӯтар шеър,
Ки хуб бошаду азбу латифу маънидор.
Латоифаш на гарону латофаташ на сабук,
Чунон ки шеъри ман андар миёнаи ашъор.
Раво бувад, ки ман асрори шеър бинмоям?
Ки ройи равшани ту воқиф аст бар асрор [8, 243].

Муиззӣ ҳамчунин дар татаббуъи қасоиди Унсурӣ “суҳулати лафзу узубати иборатро дар нашри маҳомади мамдуҳ, ки ғоят аз мадҳ ҳамон аст, муассир ва лозим мешуморад” [5, 216]. Дар ин замина ӯ яке аз тавонотарин шоиронест, ки дар татаббуъоти мадҳияш бар зарурати таносуби маонӣ такяи бисёр кардааст. Дар ин боб худаш низ мегӯяд:

Дар офарину мадеҳат чунин накӯтар шеър,
Маонии мутаносиб ба лафзи мустаҳсан [8, 132].

Ҳарчанд бисёре аз донишмандон, аз ҷумла Абулҳусайни Зарринкӯб ҳамаи шеъри ӯро “аз ин гуна” [5, 217] намедонад, ин равиш комилан дар шеваи татаббуъоти мадҳии ӯ таъсири созанда дошта, маонии мадҳро дар дилҳо менишонад ва хотирҳоро ковиш медиҳад. Аз ин ҷиҳат, татаббуъоти Амир Муиззӣ бар қасоиди Унсурӣ, пеш аз ҳама, баёнгари мустақилияти фикрӣ ва ҳунарие мебошад, ки ҳам зиндадори суннатҳои барозандаи ҳунарии гузаштагоне мисли Унсурист, ҳам тозакориҳои худи соҳиби татаббуъотро ифода менамояд.

### АДАБИЁТ

1. Авфӣ, М. Лубоб-ул-албоб. Аз рӯи чопи Браун, бо муқаддима ва таълиқоти Муҳаммад Қазвинӣ / Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон, 1361. – 1648 с.
2. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы / Е. Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1960. – 506 с.
3.Браун, Эдвард. Таърихи адабиёти Эрон (Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ) / Эдвард. Браун. – Теҳрон, 1354. – 360 с.
4. Девони Усмон Мухторӣ. Ба эҳтимоми Ҷалолуддин Ҳумоӣ / - Теҳрон, 1340. -328 с.
5. Зарринкӯб, А. Нақди адабӣ / А. Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 712 с.
6. Зипулӣ, Р., Зокирӣ, М. Фанни ҷавобгӯӣ ва татаббуъ дар шеъри форсӣ / Р. Зипулӣ, М. Зокирӣ // Фаслномаи фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. – Тобистони 1374. – Соли аввал. – Шумораи дувум. – 30-48 с.
7. Кадканӣ, М. Ш. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / М. Ш. Кадканӣ – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 722 с.

8. Куллиёти девони Муиззӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Носир Ҳайирӣ / - Теҳрон, 1342
9. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола (Аз таърихи қадим то асрҳои 10-15) / А. Мизоев. – Душанбе: Маориф, 1977. – 288 с.
10. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. /Ҷилди аввал / – Душанбе, 2001. – 160 с.
11. Фрейденбург, О. М. Поэтика сюжета и жанра / О. М. Фрейденбург. – Москва, 1997. – 448 с.
12. Ғуломризо, М. Сабкшиносии шеъри форсӣ / М. Ғуломризо. – Теҳрон: Интишороти Ҷомӣ, 1381. – 246 с.